Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Рисолаи илмии Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ҳуқуқу озодиҳои инсон мутобиқ ба Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати арзишҳои бунёдӣ эътироф шудаанд. Доираи ҳуқуқу озодиҳои инсон, ки Конститутсия муқаррар кардааст, муносибати байни давлат ва шахсро дар асоси эътироф, эҳтиром ва масъулияти ҳамдигар инкишоф медиҳад. Дар ин замина ҳифзи судӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунад (м. 19, 88 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Оид ба нақши Конститутсия Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин таъкид

намуданд, ки «Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми мамлакатро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимми миллӣ мебошад».

Муҳаққиқ масоили амалишавии асосҳои конститутсионии адолати судӣ дар пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ кафолати ҳифзи судӣ, дастрас будани адолати судӣ, ҳуқуқи ҳар шахс ба ҳимояи судӣ, маҳз баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалияи онро мавриди таҳлил қарор додааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии анҷомёфта мафҳумҳо доир ба кафолатҳои мурофиавӣ, ҳифзи судӣ, дастраси ба адолати судӣ ва зуҳуроти ҳастии тарафҳо дар муҳокимаи судӣ, анъанаи бо иштироки тарафҳо дастҷамъона ҳал кардани низои иҷтимоӣ ва муайян кардани вазъи судшаванда дар заминаи муқаррароти Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, пешниҳодҳои илман асоснок манзур гардидаанд.

Ҳамин тариқ, асосҳои ишорагардида аз мубрам будани мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии рисолаи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи: «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ бори нахуст дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзишу таҳлил намудани мавзуъ, нуктаҳои илмии нави ба ҳимоя пешниҳодшаванда ифода мегардад. Дар маҷмуъ аз ҷониби муҳаққиқ дар доираи таҳқиқоти илмӣ 20 пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ, танзимоти ҳуқуқӣ ва амалӣ манзур шудаанд, ки бо мурури пешрафти низоми

қонунгузорӣ, ҷомеа ва давлат онҳо метавонанд мавриди татбиқ қарор дода шаванд.

Муаллиф мафҳуми муҳокимаи ошкорои парвандаҳои ҷиноятӣ, ошкоро будани мурофиаи судӣ, ҳадду ҳудуди ошкоро гузаронида шудани маҷлиси судӣ, шартҳои умумии муҳокимаи судиро мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаи худро мушаххасу муалифона ба таври зайл пешниҳод намудааст: муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ чун қоидаи умумӣ ошкоро буда, дар он иштироки тарафҳо ҳатмӣ аст, дар он аҳли ҷамъият метавонад иштирок намояд, ин ғоя имконият фароҳам меорад, ки муҳокима дар асоси баҳсу мунозира сурат гирифта, зимнан ҳақиқат, воқеият ва адолати иҷтимоӣ амалӣ шавад.

Диссертант истилоҳоти «баррасӣ ва ҳалли ғоибонаи масъалаҳои парвандаи ҷиноятӣ», «муҳокимаи судӣ бе иштироки судшаванда», «мурофиаи ғоибонаи судӣ»-ро тибқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мавриди таҳлил қарор дода, дар натиҷа хулосаҳои дақикро оиди он, ки баъзе аз истилоҳот ба мафҳуми «муҳокимаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ бе иштироки судшаванда» мувофиқ нест, пешбарӣ менамояд. Ҳамзамон диссертант қайд менамояд, ки мафҳумҳои аввал ҷузъи амалияи истисноӣ дар баргузории маҷлиси судӣ буда, дар як вақт мафҳуми охирон ғалат аст, аз ин сабаб набояд арзи вуҷуд дошта бошад, чунки мухолифи ҳадафу вазифаҳо ва принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи илмӣ бо маҷмӯи омилҳое муайян карда мешавад, ки эътимоднокии хулосаҳои дар ҷараёни таҳқиқот ба даст овардашударо таъмин менамояд. Таҳқиқоти илмӣ ба назарияҳо ва мафҳумҳои анъанавии мавҷуда асос ёфтаанд. Аз ин нуқтаи назар, муҳаққиқ ҳангоми навиштани рисола аз усулҳое, ба монанди материализми диалектикӣ, таҳлили ҳуқуқӣ, мантиқӣ, ҳуқуқӣ - муқоисавӣ, хронологӣ-таърихӣ, оморӣ ва ғ. истифода намудааст, ки натиҷаҳои илмии асосноки бадастомада аз он гувоҳӣ медиҳад. Эътимоднокии натиҷаҳои

илмӣ тавассути истифодаи маълумоти эмпирикӣ, ки муҳаққиқ дар рафти омода намудани рисола мавриди омӯзиш қарор додааст, тасдиқ карда мешавад.

Аз таҳлили рисолаи илмӣ маълум мегардад, ки асоси эмпирикии таҳқиқоти диссертатсиониро натиҷаҳои амалияи мақомоти судӣ дар давоми солҳои 2017-2024 ташкил медиҳанд. Гузашта аз ин, ҷиҳати мақсаднок ба роҳ мондани таҳқиқот муаллиф як қатор вазифаҳоро ба миён гузоштааст:

– муайян кардани заминаҳои пайдоиш ва ташаккули баргузории муҳокима дар ҳузури тарафҳо, дастаҷамъона баррасӣ шудани арзу даъво ва ҳалли одилонаи онҳо;

– омӯзиши пайдоиши амалияи мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон, ки дар асоси арзишҳои анъанавӣ ва таълимоти нодири миллӣ-ҳуқуқӣ дар бораи адолат ташаккул ёфтааст ва аҳамияти он дар марҳилаи муосири рушди кишвар;

– таҳлили фаҳмиши ҳуқуқии мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ҳадди имкониятҳои мурофиавии онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ;

– муайян кардани моҳият ва аҳамияти шартҳои умумии муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ ва муайян кардани меъёрҳо ва шаклҳои иштироки судшаванда дар амалишавии онҳо;

– таҳлили муқоисавии истилоҳоти «муҳокимаи судӣ дар ғоибии судшаванда», «баррасии ошкорои парвандаи ҷиноятӣ», «муҳокимаи пӯшидаи судӣ» ва «муҳокимаи соддакардашудаи судӣ»;

– муайян намудани хусусиятҳои хоси мурофиаи судӣ дар ғоибии судшаванда ва дар ин замина муайян намудани вазъи ҳуқуқии ӯ дар мурофиаи ҷиноятӣ;

– таҳлили ҳуқуқии баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ дар марҳилаҳои тосудӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда;

– муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқии пешбурди амалҳои тафтишӣ ва судӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва судшаванда;

– муайян намудани ҳолатҳое, ки тибқи онҳо дар ғоибии судшаванда гузаронидани мурофиаи судӣ имконпазир аст;

– асоснок кардани ҳалли масъалаҳои назариявие, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда ба миён меоянд;

– асоснок кардани хулоса ва пешниҳод оид ба такмил додани меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва кор карда баромадани тавсияҳо оид ба таъмини иштироки тарафҳо дар ҳалли судии масъалаҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ.

Гуфтаҳои қайдгардида, асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешбинишударо тасдиқ менамояд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳамияти илмии диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки саҳми он дар рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, бахусус ҳангоми баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда аз лиҳози васеъ ва амиқ намудани донишҳои назариявӣ бешубҳа бузург аст. Натиҷаҳои дар рисола ба даст овардашуда метавонанд минбаъд мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасӣ қарор гиранд ва барои дигар корҳои илмию таҳқиқотии дар ин самт замина муҳайё созанд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои диссертатсия дар бартараф намудани монеаву норасоиҳо ҷиҳати амалӣ гардидани принсипҳои асосии конститутсионии адолати судӣ – дастраси ба ҳифзи судӣ, мубоҳиса ва баробарии тарафҳо, ошкоро будани муҳокимаи судӣ мебошад. Диссертатсия дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» метавонад ба рушду такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла дар самти баррасии судии масъалаҳои мурофиавӣ бе иштироки айбдоршаванда ва судшаванда таъсири мусбати мустақим расонад.

Ҷанбаҳои иҷтимоии диссертатсияро таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ,

бахусус тарафи ҳимоя, ки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ кафолат медиҳад, ташкил медиҳад. Муҳаққиқ қайд мекунад, ки таъмини ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ бахусус тарафи ҳимоя, яъне айбдоршаванда ва судшаванда, мубоҳиса, баробарии онҳо, ҳамчунин ҳимоя аз айбдоркунии беасос уҳдадории давлат мебошад (саҳифаи 43-и диссертатсия). Ҳамзамон муҳаққиқ қайд менамояд, ки меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии амалкунанда мақомоти ваколатдори давлатии пешбурди парвандаҳои ҷиноятиро муваззаф намудааст, ҳуқуқу озодиҳои шахсро, ки дар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятӣ иштирок мекунад, ҳимоя намуда, баҳри таъмину татбиқи онҳо ва қонеъ гардонидани дархости қонуниашон чораҳои саривақтӣ дида шавад (саҳифаи 44-и диссертатсия).

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Муҳаққиқ оид ба мавзуи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбии диссертатсия, дар кор масъалаҳое низ ҷой доранд, ки муҳокимаи ошкоро ва асоснокии иловагиро талаб мекунанд:

1. Муаллиф қайд мекунад, ки мӯҳлати ниҳоии мавқуф гузоштани муҳокимаи судии парвандаи ҷиноятӣ аз панҷ шабонарӯз зиёд набошад (саҳифаи 48 диссертатсия). Асоснокӣ ва муҳимияти ин пешниҳодро муаллиф мебоист мавриди таҳлили масъалаҳои дигари мурофиавӣ ҷиддӣ асоснок мекард.

2. Дар рисола қайд мешавад, ки иштирок дар муҳокимаи судӣ ин ҳуқуқи судшаванда аст, оё ягон асос ва ё зарурати дигаре мавҷуд ҳаст, ки судшаванда маҷбуран ба маҷлиси суд ҳозир карда шавад ё маҷлиси суд ҳангоми дар тавқифгоҳ қарор доштани судшаванда ва саркашӣ кардани ӯ аз ҳозиршавӣ ба маҷлиси суд ё пурсиши судшаванда ба тариқи фосилавӣ дар доираи имкониятҳои технологӣ - суди электронӣ ҷараён гирад?

Эродҳое, ки дар тақризи мазкур ишора гардидаанд, хусусияти мубоҳисавӣ дошта, мазмун ва аҳамияти мавзуи тадқиқот ва таҳлили амиқи онро нишон медиҳад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Рисолаи илмии Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 - Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Сохтори рисола мантиқан дуруст тартиб дода шуда, дақиқ мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро инъикос менамояд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ба таври дахлдор асоснок гардидаанд, ки аз таҳлили амиқи кор дарак медиҳад. Усулҳои дар таҳқиқот истифодашуда имкон доданд, ки вазифаҳои манзуршуда тибқи талабот иҷро гарданд.

**Қисмати хотимавӣ.** Таъкид намудан ҷоиз аст, ки диссертатсия кори илмӣ- тахассусии анҷомёфта буда, аз ҷониби муҳаққиқ мустақилона таҳия шудааст. Рисола собит менамояд, ки муаллиф фаҳмиши амиқи мавзуи интихобшуда, сатҳи баланди омодагии назариявӣ ва методологӣ, инчунин қобилияти анҷом додани таҳқиқоти мукаммалро доро аст. Таҳқиқоти мазкур масоили мубрами таъмин ва дастраси ба адолати

судиро бо назардошти иштироки тарафи ҳимоя дар ҳалли масъалаҳои мурофиавӣ тибқи қонунгузории мурофиавӣ дарбар гирифта, таҳқиқот ва натиҷаҳои он аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Дастовардҳои дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба даст омада метавонанд зимни омода ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои гуногуни давлатӣ истифода гарданд. Дар робита ба ин, рисола сазовори баҳои мусбӣ буда, барои ҳимоя тавсия дода мешавад.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Иноятзода Афрӯза Ислом дар мавзуи «Баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ дар ғоибии судшаванда: масъалаҳои назария, танзими ҳуқуқӣ ва амалия» пурра ба талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ карда шудааст, мувофиқат намуда, муаллифи он Иноятзода Афрӯза Ислом сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
директори Маркази таълимии судяҳои
назди Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқизода С.А.

**Имзои Завқизода С.А.-ро тасдиқ мекунам:**

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нусратуллозода О.Н.

Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи Шевченко 55.

28. 03. 2025